**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст.**

Фалак яке аз навъҳои қадимтарини оҳангҳои халқи тоҷик маҳсуб мешавад. Он дар мусиқии мардумӣ ва касбии тоҷикони кӯҳистон ҳамчун маҳсули мутахассисони мусиқӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи илмии он танҳо дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон оғоз ёфт. Ғараз аз иншои чунин як муқаддима он аст, то таъкид шавад, ки илми санъатшиносии тоҷик ба мутахассисони олидараҷа эҳтиёҷ дорад ва диссертатсияи унвонҷӯи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Саторов – Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи **“Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ омода гардидааст, кори илмии саривқатӣ ва актуалӣ мебошад. Аз соли 2017 мақолаҳои унвонҷӯ дар маҷаллаҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ нашр гардиданд, ки дар онҳо қисматҳои мавзуи асосӣ низ ба баҳс кашида мешуд. Ин ҳама далолат мекунад, ки Каримзода Саъдулло Салим дар илми санъатшиносӣ шахсияти тасодуфӣ нест, балки ҳам овозхони варзида ва ҳам муҳаққиқи баркамол ва сермаҳсул ба шумор меравад. Диссертасияи пешниҳодшуда тамоми масъалаҳои марбут ба мусиқишиносии муосирро фаро гирифта, жанри Фалакро ҳамчун падидаи марказии мусиқии кӯҳистони тоҷик бо муайян кардани меъёрҳои жанрӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Диссертант нахустин иқдомҳои пажуҳишии худро ба муайян кардани меъёрҳои жанрии Фалак бахшида, дар ин замина таҳқиқоти муҳим анҷом додааст. Бояд гуфт, ки масъалаи муайян кардани меъёрҳои жанрӣ дар Фалак яке аз таҳқиқоти нав дар мусиқии касбӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, кори

диссертатсионӣ ҷойи холиро дар илми мусиқишиносӣ пур карда, барои пажуҳишҳои минбаъда заминаи устувор фароҳам меорад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии Каримзода С.С. таҳқиқи жанри Фалак дар ду анъана – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ мебошад. Ӯ фарқиятҳои жанрӣ ва хусусиятҳои ин ду анъанаро таҳлил намуда, пешомадҳои пайдоиши жанр ва ҷараёни шаклсозӣ дар навъҳои гуногуни фалакро бо далелҳои муътамад мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертант дар илми мусиқишиносӣ нахустин бор Фалаки Дарӣ ва Фалаки Сафариро муаррифӣ намудааст. Ӯ истилоҳи «парда»-ро дар шакли «чорпарда» ҳамчун унвони нави системаи чормуқом муайян кардааст. Ҳамчунин, доираи жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ, инчунин меъёрҳои жанрии қолабзарб ва қолабоҳанг бо таҳлили муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти Каримзода С.С. бе шакку шубҳа саривақтӣ ва судманд аст. Муаллиф ҷанбаҳои бунёдии фалаки кулобӣ ва помириро бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ ва дар муқоиса бо назарияҳои муосир таҳлил намудааст. Ӯ зинабандии низоми нотавӣ ва роҳҳои хулосабарории саҳеҳро низ ба таври равшан нишон додааст.

Ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки муҳтавои матни тоҷикии автореферат ба матни русии он мутобиқати комил дошта, нуктаҳои асосии илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар ҳар ду забон ба таври саҳеҳ ва ҳамоҳанг инъикос гардидаанд.

Бо вуҷуди кӯшишҳои арзандаи диссертант, дар автореферат баъзе нуктаҳо мавҷуданд, ки метавонанд ҳамчун машварати илмӣ пешниҳод шаванд:

1. Бамаврид мебуд, агар диссертант аз пажуҳишҳои муҳаққиқони олмонӣ, мисли Габриэлла ван ден Берг ва олими амрикоӣ Бенҷамин Коен, ки аз хусуси жанри фалаки помирӣ дар таълифоташон фикрҳои ҷолиб доранд, низ истифода мекард.

2. Муфид мебуд, агар диссертант дар баробари намудҳои фалаки помирӣ аз хусуси Хушкафалак ва Фалаки маҷнунӣ низ андеша баён мекард.

Камбудиҳое, ки дар автореферат ба чашм мерасанд, ҷузъӣ буда, қимати илмии онро коста намекунанд. Диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим таҳти унвони «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» кори пурарзиш ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ мувофиқати пурра дорад ва муаллифи он сазовори унвони номзади илмҳои санъатшиносӣ мебошад.

Устоди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
Моёншо Назаршоев, номзади илмҳои филологӣ Таваккал Ҳ.С.

**Нишонӣ:** 736000, ш. Хоруғ, кӯчаи Додихудо Миликбеков 124.
Тел.: (+992) 938213323
E-mail: haydar6060@mail.ru
«30» майи соли 2026

Имзои Таваккал Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсус Саидраҳмонов Н.С.

**Нишонӣ:** 736000, ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншо Шоҳтемур
Тел: 2-45-79, 2-22-48
E-mail: ksu.khorog@mail.ru
«30» майи соли 2026